# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

.

**Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.07.с.2013 №31 тасдиқ карда шудааст**

## Дастурамали
## Шакли №1 – СМШ (фаврӣ)
### Ҳисобот дар бораи ба истифода додани манзилҳои шахсӣ.

Ҳисобот аз реи шаклҳои № 1- СМШ (фаврӣ)-ро макомоти иҷроияи шаҳрҳо, шаҳракҳо, ноҳияҳо ва ҷамоатҳо (дар шаҳру деҳот) тартиб ва пешниҳод менамоянд. Барои тартиб додани ҳисобот маълумотҳои «Шиносномаи техникии манзилҳои шахсии фонди манзил» асос шуда метавонад.

Дар ҳисобот дохил карда мешаванд: хонаҳои истиқоматие, ки аҳоли аз ҳисоби худ ва бо ёрии қарзи банкҳо дар шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳот сохтаанд,хонаҳое, ки корхонаҳо, ташкилотҳои давлатӣ, кооперативӣ ва колхозҳо (аз ҷумла иҷоравӣ) барои фуреш ё додан ба моликияти аҳоли сохтаанд, (аз он ҷумла хонаҳое, ки барои муҳоҷирон сохта шудаанд), хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ)
Инчунин манзилҳои иловаи шифату болои хонаҳои сохта шуда, ки ҳамчун моликияти шахсии шаҳрвандон қарор доранд.

Аз реи хонаҳои истиқомат (дар шафат ва болои бинохои сохташуда), ки хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ) ба истифода додаанду ба масоҳати умумии манзилҳои истиқоматии ба истифода додани бинокорони шахси дохил мешаванд, дар як сол як маротиба мустақиман аз реи шакли № 1-СМШ бо чунин навиштачот дар гешаи болои тарафи рости шакл ҳисобот тартиб ва пешниҳод мекунанд.”Хоҷагиҳои деҳқони (фермерӣ) ба истифода додаанд».Зимни ин ба назар гирифтан лозим аст: хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) иттиҳоди оилавии меҳнатии ашхосе мебошад, ки истеҳсолоти кишоварзиро пеш якҷоя мебаранд ва истеҳсолкунандаи мустақили мол мебошад, ки дар Кумитаи иҷроияи Шурои маҳаллии депутатҳои халқи ба қайд гирифта шудааст.

Агар сохтмони хонаҳои алоҳидаи истиқомат (дар шафат ё болои бинои сохташуда) дар солҳои пеш аз ҳисобот анҷом ёфта, ҳамчун сохтмони манзилҳои истиқоматии шахсӣ ҳисоб нашуда ва дар Бюрои ба қайдгирии техникӣ дар Шероҳои шаҳракҳо ҳамон солҳо ба қайд гирифта нашуда бошанд, дар он сурат маълумотҳои чунин биноҳо ҳамон сол сабт карда мешаванд, ки дар ҳисоботи шакли №1-СМШ қайд нашудани онҳо ошкор гардид. Ин биноҳо ба масоҳати умумии биноҳои ба истифода додашуда дохил карда мешаванд.

Дар сатри 01 ба ҷумлаи биноҳои истиқоматии сохташуда, биноҳои истиқоматии нав сохташуда (аз ҷумла хонаҳо барои муҳоҷирон), инчунин хонаҳое,ки ба ивази биноҳои кеҳнаву харобгардида дар ҳамон ҷо сохта,

мувофиқи тартиботи муқарраршуда ба истифода дода шудаанд, нишон дода мешаванд.Хонаҳои дар шафат ва болои биноҳои собиқ сохтшуда, гарчанд онҳо хонаҳои ҳуҷрадорӣ алоҳида бошанд ҳам дар ин сатр навишта намешаванд. Чунин хонаҳо ба ҳисоб гирифта намешаванд: манзилҳое,ки кооперативҳои хонасозӣ сохтаанд; хонаҳои бестонсаройҳо; биноҳое, ки муваққатан барои истиқомат омода карда шудаанд:

биноҳое, ки ба куллӣ таъмир ва баъзе қисмҳои алоҳидаи фарсудаашон иваз карда шудаанд, ғайр аз сохтмони деворҳои асосии бино. Инчунин хонаҳое ба ҳисоб гирифта намешаванд, ки колхозу савхозҳо (аз он ҷумла иҷораҳои колхозу совхозҳо) ё дигар ташкилотҳо сохтаанд ва ба фонди асосии онҳо гузаронида шудаанд.

Дар сатри 02 миқдори хонаҳои ҳуҷрадори биноҳои сохташуда дарҷ карда мешавад. Биноеҳое , ки барои сукунати доимӣ таҷҳизонида шуданд, аз дигар биноҳои истиқоматӣ ҷудо буда, дари даромади даруниашон муштарак ва бадари умумӣ ё бевосита ба берун баромад доранд, хонаи ҳуҷрадор ҳисобидан мумкин аст.

Агар хонаҳои дар шафат ё болои бино сохташуда манзили алоҳида бошад, дар он сурат ин хонаи ҳуҷрадорро низ ба шумораи хонаҳои ҳуҷрадор дохил мекунанд, аммо хонаҳои дар шафат ва болои бино сохташуда ҳамчун бинои сохташуда сабт карда намешавад.

Дар сатри 07 масоҳати умумии ҳамаи биноҳои истиқоматии ба истифода додашуда хонаҳои дар шафат ва болои бино сохташуда нишон дода мешавад.

Ба масоҳати умумӣ масоҳати ҳуҷраҳои истиқоматӣ (ҳуҷраҳои умумӣ ва хобхона) ва масоҳати хонаҳои ёрирасон дар ҳаҷми девори асосии бинои истиқоматӣ (ошхона, даромадгоҳ, ванна ё душхона, ҳоҷатхона, амборхона, ҷевонҳои сохташуда); масоҳати хонаҳои дар шафати бино сохташудаи гармшавандаи барои истиқомат дар тамоми сол мусоид, инчунин манзараву болохонаҳои гармшавандаи барои сукунат мувофиқ. Агар дар сурати сохтмони илова (болохона) шумораи хонаҳои ҳуҷрадори бино зиёд нашавад, дар он сурат танҳо масоҳати умумии онҳо ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба масоҳати умумӣ масоҳати зерин дохил карда намешавад:
зинапоя; масоҳате, ки асбобҳои сохти бино ва печкаҳои гармкунанда ишғол кардаанд; ҷойҳои илова сохташудаи гармнашаванда (айвон, пешайвон, балконҳо ва ғайра), инчунин манзараю болохонаҳои гармнашаванда;
ошхонаи алоҳидаистода, ванна (ҳаммом), анбор, сеҳбатҷойҳо ва ғайра; юрта, чумҳо, бестонсарой, хонаҳои боғҳо ва дигар манзили барои истиқомати муваққатӣ қулай (вагонҳо ва ғайра).